**аз 17.02.2023, №104**

«Дар бораи тасдиқи Феҳристи давлатии дастгоҳҳои назоратӣ - хазинавӣ»

Бо мақсади иҷрои талаботи қисми 8 моддаи 85 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.10.2021, №432 «Дар бораи Тартиби истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ», дар асоси муқаррароти моддаи 167 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Феҳристи давлатии дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ барои истифодабарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Ба инобат гирифта шавад, ки ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи давлатии дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ бо пешниҳоди Комиссияи экспертии байниидоравӣ бо фармоиши алоҳидаи Кумитаи андоз тасдиқ карда мешавад.
3. Фармоиши мазкур ба маълумоти андозсупорандагон расонида шуда, дар сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ҷойгир карда шавад.
4. Номгӯи дастгоҳҳои назоратӣ – хазинавие, ки бо Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 09.03.2017, №129/1 «Оид ба тасдиқи Феҳристи давлатии мошинаҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ» тасдиқ гардида то дастрас гардидани дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавии нав амал мекунад.
5. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба сарраёсатҳо, раёсатҳои дахлдори Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.
6. Фармоиши мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
7. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси Кумитаи андоз вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода

Замима ба Фармоиши
Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз "___"____соли 20___, №___

# Феҳристи
# давлатии дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ барои истифодабарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| № | Номгӯи тамғаи ДНХ | Ширкати истеҳсолкунандаи ДНХ |
|---|---|---|
| 1 | P30 | Wuhan Tianyu Information Industry Co., Ltd |
| 2 | N950 | Newland Payment Technology (Newland Digital Technology Co. Ltd) |
| 3 | TP809 | Xiamen Fiscat Electrical Co. Ltd |